# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Латифов Алихон Давлатович дар мавзуи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) пешниҳод шудааст.**

Адабиёти ҳинд қадимаву рангин буда, чи дар гузашта ва чи дар имрӯз бо адабиёти форсу тоҷик пайвандҳои зичи таърихӣ дорад. Хусусан, адабиёти муосири баъдиинқилобии ҳинд бисёр ҷолибу хонданист. Дар ин давра қаламкашони ҳинд бо бархӯрдорӣ аз таҷрибаҳои гузаштагони худ ва ошноӣ бо адабиёти дигар миллатҳо, хусусан адабиёти англисизабон дар эҷоди асарҳои нави бадеӣ, ки дар баробари тасвири мушкилоти ҷомеа ва зери тозиёнаи танқид қарор додани одатҳои баду зиёновар ба ҷомеа, боз роҳкорҳое барои пешрафти ҷомеа пешниҳод менамоянд, муваффақ гаштаанд. Аз ҷумла, осори Меҳруннисо Парвиз саршор аз бозгӯии мушкилоти замон, хусусан душвориҳои занон мебошад. Чи тавре диссертант қайд кардааст: «Ошноӣ бо осори Меҳруннисо Парвиз нишон медиҳад, ки инъикоси масоили иҷтимоӣ ва махсусан мушкилоти зан дар ҷомеаи Ҳиндустон яке аз мавзуъҳои асосӣ ба шумор меравад» (Автореферат, с.15). Бо назардошти ин нукот баррасии осори ин адиби муосир барои дарки ҳаёти иҷтимоии қишрҳои гуногуни ҷомеаи муосири Ҳиндустон, ҳамзамон, ошноӣ ба корбурди санъатҳои гуногуни ин давраи нави насри ҳиндӣ саривақтӣ мебошад.

Аз нигоҳи мундариҷа автореферати диссертатсияи А.Д. Латифов аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, фарогири 168 саҳифаи компютерӣ мебошад. Дар муқаддима, тибқи талабот, оид ба аҳамият, дараҷаи омӯзиш, навгонӣ, ҳадафҳо ва дигар паҳлуҳои диссертатсия сухан гуфта шудааст.

Боби аввал, ки «Меҳруннисо Парвиз – намояндаи насли адибони давраи озодии Ҳиндустон» унвон гирифтааст, бо фарогири чор фасл, ба рӯзгор ва осори Меҳруннисо Парвиз бахшида шудааст.

Дар боби дуюм, ки «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» ном дорад ва аз ду фасл иборат аст. Дар ҳикояҳои адиб паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ, аз ҷумла солимии рафтору кирдор ва риояти суннатҳову бадбахтии хонаводаҳо ба тасвир кашида шудаанд. Дар ин маврид таъкид мешавад, ки адиб ба ҳама суннатҳои гузашта, ки бештарашон бо устура омехта шудаанд, ба диди танқид назар карда, пойбандӣ ба онҳоро ба қафомондагиву бадбахшавӣ тавъам медонад.

«Ҳунари ҳикоянависии Меҳруннисо Парвиз (масоили зебошинохтӣ)» унвони фасли савуми диссертатсия буда, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар ин қисмат диссертант бештар ба таҳлилу арзёбии ҷанбаҳои ҳунарӣ ва эстетикии ҳикояҳои ин адиб пардохта, Меҳруннисо Парвизро ҳамчун адибу нависандаи чирадасти соҳиби услуби хоса будан маънидод кардааст.

Хулоса талхиси фаслҳои диссертатсия мебошад.

Дар баробари ин дастовардҳо аз мутолиаи фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, ки дар он бархе камбудиҳо, ки сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳанд гашт. Масалан:

1) Иқтибосҳоро дар автореферат бештар овардааст, дар ҳоле ки авфтореферат талхиси диссертатсия аст ва дар он бояд бештар мавқеи худи диссертант, ки дар натиҷаи таҳлилу баррасиҳои густарда дар диссертатсия сурат гирифтааст, оварда шавад;

2) Хуб мешуд, агар диссертант номи китобҳои ҳиндиро на бо ҳарфҳои сирилик, балки бо овонавис баргардон менамуд;

3) Корбурди калимаи “адиба” дар автореферат ба назар мерасад, дар ҳоле ки тибқи қоидаи имлои ҳозира “адиб” дар ҳар ду ҷинс ба кор меравад.

Рисолаи илмии Латифов Алихон Давлатович таҳти унвони «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз»

тадқиқоти пурраи анҷомёфта махсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

**номзади илмҳои филологӣ, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Х. Маликшозода**

**30.08.2022**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33**
**тел: (+992)985 11 84 70**
**e-mail: becim1991@mail.ru**

**Имзои Маликшозода Ш.Х.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **О.О. Бобозода**

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ